# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисос**

Парвандаи аттестатсионии №___

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 02.10.2025, №_

Барои сазовор донистани Каримов Аслам Азамжонович ба дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа

Диссертатсияи «Масъалаи ҳастишиносӣ дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таълимоти тасаввуфии тоҷику форс дар асрҳои X-XII (таҳлили муқоисавӣ)», аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-Таърихи фалсафа 12 июни соли 2025 ба ҳимоя қабул карда шуд, протоколи №13, шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 64/шд таъсис гардидааст.

Каримов Аслам Азамжонович 20 июли соли 1973 дар шаҳраки Шайдони ноҳияи Ашти вилояти Суғд, дар оилаи хизматчӣ ба дунё омадааст.

Соли 1995 факултети мусиқӣ-педагогии Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзодаро аз рӯйи ихтисоси муаллими мусиқӣ ва суруд, ташкилотчии корҳои маданӣ-маърифатӣ (31 майи соли 1995, диплом ШВ 682697) хатм намудааст. Ҳамзамон, соли 2005 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро аз рӯйи ихтисоси филолог, омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик (1 июли соли 2005, диплом ДТО 00116521) хатм кардааст.

Аз соли 2024 инҷониб дар вазифаи сардори шуъбаи таҳлил ва робита бо ҷомеаи ДДҲБСТ фаъолият мебарад. Соли 2010 дар мавзуи «Ташаккули повести лирикӣ дар насри муосири тоҷик (солҳои 60-80-уми асри XX»), аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти халқҳои ҷаҳон (адабиёти тоҷик) рисолаи номзадиро дифоъ намуда, соҳиби дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ гардидааст. (24 декабри соли 2010, дипломи номзадӣ №27/нк-1, ДКН №145079)

Каримов Аслам Азамжонович Аълочии фарҳанги Тоҷикистон (2002), Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон (2022) мебошад.

Мавзуи тадқиқоти диссертатсионии ӯ таҳти унвони «Масъалаҳои ҳастишиносӣ дар фалсафаи машшоия ва таълимоти тасаввуфии тоҷику форси асрҳои X-XII (таҳлили муқоисавӣ)» дар маҷлиси Шурои олимони

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз таърихи 29 январи соли 2016, таҳти протоколи №5 тасдиқ шудааст. Ҳамзамон, аз соли 2016 инҷониб ба ҳайси омӯзгори муштараквазифа дар кафедраи фанҳои ҷамъиятшиносӣ аз фанҳои фалсафа, этика ва ҷамъиятшиносӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ таълим медиҳад.

Бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2025, №3 ба Каримов Аслам Азамжонович унвони илмии «ДОТСЕНТ» аз рӯйи ихтисоси фалсафа дода шудааст. (ДДТ № 0830)

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардида, бо суратмаҷлиси №4 аз 03.10.2024 ба ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА -092 назди ДМТ пешниҳод шудааст.

**Мушовири илмӣ**: Олимов Кароматулло – Академики АМИТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор

**Муқарризони расмӣ:**

**Атоев Атоулло Мухторович** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи МТД Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

**Карамхудоев Шукрат Худоназарбекович** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода;

**Зикирзода Ҳобил** – доктори илмҳои фалсафа, дотсент, декани факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба диссертатсия тақризҳои мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ. Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии ДТТ ба номи академик М. Осимӣ **Раҳимов М. Ҳ.** имзо шудааст, қайд шудааст, ки натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 2 монография ва 27 мақолаҳо, аз онҳо 16 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, инъикос ёфтаанд.

**Тавсифи мухтасари таълифоти илмӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

Вобаста ба мавзуи таҳқиқоташ 18 маводи чопӣ дорад, ки аз он 16 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Интишороти довталаб нуқтаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

1. Каримов, А. А. Мулоҳизае дар бораи тасаввуф ва роҳи ирфонӣ [матн] / А. А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2021. №2. С.116-125 (1 ҷ.ч.). –ISSN 2074-1847

2. Каримов, А. А. Андешаҳо оид ба аҳволи иҷтимоию сиёсӣ ва динию фалсафии тоҷикон дар асрҳои X-XII [матн] / А. А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2021. №3. С.111-122 (1 ҷ.ч.). ISSN 2074-1847

3. Каримов, А. А. Баъзе масъалаҳои ҳастишиносӣ дар тасаввуфи асрҳои X-XII [матн] / А. А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– 2021.– №4. – С.143-152 (1 ҷ.ч.). – ISSN 2074-1847

4. Каримов, А. А. Баъзе паҳлуҳои масъалаҳои ҳаракат, макон ва замон дар табииёти Ибни Сино [матн] / А. А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– 2021.– №5. – С.116-125 (1 ҷ.ч.). –ISSN 2074-1847

5. Каримов, А. А. Назаре ба масъалаи категорияи «нестӣ» дар онтологияи асримиёнагӣ ва ҷаҳони муосир [матн] / А. А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2022. №3. С.117-128 (1 ҷ.ч.). ISSN 2074-1847

6. Каримов, А. А. Нуктае чанд оид ба масъалаи таносуби Худо, олам ва одам дар дини насронӣ ва ислом [матн] / А. А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– 2022.– №4. – С.63-73 (1 ҷ.ч.). – ISSN 2074-1847

7. Каримов, А. А. Гуногунандешии бархе аз ҷараёнҳои фалсафию динии асримиёнагии Шарқ [матн] / А. А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022.– №11.- С.91-100 (1 ҷ.ч.). – ISSN 2074-1847

8. Каримов, А. А. Баъзе нуктаҳои фалсафаи машшоияи тоҷику форс дар асрҳои X-XII [матн] / А. А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023.– №2. – С.93-103 (1 ҷ.ч.). – ISSN 2074-1847

9. Каримов, А. А. Ирфон ва ҷанбаҳои равонӣ ва иҷтимоии он [матн] / А. А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2023. №7. С.112-124 (1 ҷ.ч.). – ISSN 2411-1945

10. Каримов, А. А. Ирфон ва ҷанбаҳои равонӣ ва иҷтимоии он [матн] / А. А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2023. №8. С.79-90 (1 ҷ.ч.). – ISSN 2074-1847

11. Каримов, А. А. Таҳлили муқоисавии баъзе масъалаҳои онтология дар китоби «Шарҳи таарруф»- Мустамлии Бухорӣ [матн] / А. А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– 2023.– №9. – С.121-132 (1 ҷ.ч.). – ISSN 2074-1847

12. Каримов, А. А. Андешаҳо оид ба ҳастӣ ва тафаккур [матн] / А. А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. №10. – С.129-138 (1 ҷ.ч.). – ISSN 2074-1847

13. Философия калама - рациональная основа средневекового исламского мировоззрения [текст]. /А. А. Каримов // Научный вестник. ФерГУ. Респ. Узбекистан. – 2023. №6. С.46-54 (0,5 п. л.). – ISSN 2181-1571

14. Каримов, А. А. Чанд сухан оид ба ҳастӣ ва моҳият [матн] / А. А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2023. №11. С.140-150 (1 ҷ.ч.). –

15. Каримов, А. А. Баъзе паҳлуҳои ҳақиқати онтологӣ дар таълимоти Ибни Сино [матн] / А. А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – №12. – С.92-102 (1 ҷ.ч.). – ISSN 2074-1847

16. Каримов, А. А. Консепсияи рӯҳ дар фалсафа ва теологияи Шарқ: Ҳиссаи Ибни Сино дар шинохти табиати маънавӣ ва мустақилияти рӯҳ [матн] / А. А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. №11. – С.167-175 (1 ҷ.ч.). – ISSN 2074-1847

Ба автореферат тақризҳо ворид шудаанд:

- аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кабардино-Балкария ба номи Х. М. Бербеков – **Ашнокова Лариса Мухамедовна**. Тақриз бо забони русӣ навишта шуда, мусбат аст ва дар баробари ин қайд карда мешавад, ки бо вуҷуди ин, зикри як қатор нуқтаҳо зарур аст: а) баъзе мавқеъҳо, ки ба робитаи тасаввуф бо равандҳои иҷтимоӣ марбутанд, ниёз ба шарҳи муфассал ва тасвирҳои эмпирикии густурдатар доранд; б) мувофиқ мебуд, агар анъанаи тоҷикиро бо падидаҳои ҳаммонанди минтақаҳои дигари Шарқи исломӣ (масалан, машшоиёни андалусӣ ва равияҳои туркию форсии тасаввуф) муфассалтар муқоиса карда мешуд. Ин мулоҳизаҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши баланди илмии таҳқиқотро коста намесозанд.

- аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, профессор, мудири кафедраи идеяи миллӣ ва фалсафаи Донишкадаи давлатии педагогии Самарқанд- **Яхшиликов Джурабой**. Тақриз мусбат буда, эродҳо дида намешаванд.

- аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи миллии Тошкент **Юсубов Жалолиддин Кадамович**. Тақриз мусбат буда, ба автореферат камбудию норасоиҳо қайд нашудаанд.

- аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи ҷомеашиносии ДИС ДДТТ **Солиҷонов Расулҷон.** Тақриз мусбат аст ва дар он зикр шудааст: «диссертатсия аз чанд ҷиҳат ниёз ба такмил дорад: 1. Оид ба услуб. Ибораи «файласуфону ходимони фарҳангҳои халки тоҷик (эронӣ)» - беҳтараш файласуфону ходимони фарҳангии халқи тоҷик (эронӣ) оварда шавад (с.3). 2. «Фалсафаи машшоия ва таълимоти теософии аҳли тасаввуф, ки дар баъзе маврид боиси инкишофи тафаккури мантиқӣ гардидаанд ва вобаста ба ин мақом...» ҷумла хеле тӯлонӣ ва нофаҳмо шудааст, беҳтараш ба ду ҷумла тақсим шавад (С.16). Ин камбудиҳо ҷузъӣ ва ислоҳшавандаанд ва ба муҳтавои асосии таҳқиқоти илмӣ халал ворид намекунанд».

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки диссертатсияи Каримов Аслам Азамжонович дар мавзуи «Масъалаи ҳастишиносӣ дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таълимоти тасаввуфии тоҷику форс дар асрҳои X-XII (таҳлили

муқоисавӣ)», аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-Таърихи фалсафа дар сатҳи хуб навишта шуда, таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида мебошад.

**Қайд карда мешавад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**Коркард шудааст, ки** таълимот дар бораи ҳастишиносӣ ё худ онтология, ҳамчун асоси ҳамаи системаҳои фалсафӣ ва таълимоти онтологии аҳли тасаввуф, метавонад қаробату фарқияти онҳоро нишон диҳад ва сабаби инкишофи ирфони асримиёнагии тоҷикро нишон диҳад, тазоди диалектикии онҳоро мунъакис сохта, таъсири мутақобилаи онҳоро ба якдигар нишон диҳад.

Методикаи нави таҷрибавӣ **ошкор менамояд,** ки онтология ҳамчун назарияи ҳастӣ хусусиятҳои асосии тамоми воқеиятро таҳқиқ менамояд. Ҳадафи асосии фалсафаи машшоияи шарқӣ дарёфти асл ва умумияти ҳастист, ки дар ҳамаи намудҳои мавҷудот ба шаклҳои гуногун таҷалло мекунад. Ин асл, ки бо ифодаи «Воҷибулвуҷуд» муаррифӣ мегардад, ҳамчун ҳастии комил ва мабдаи тамоми мавҷудот фаҳмида мешавад.

**Пешниҳод шудааст,** машшоёни шарқӣ, бо такя бар мантиқ ва бурҳон, кӯшиш намуданд, то сохтори умумии воқеиятро тавсиф ва таҳлил намоянд. Онҳо бо таҳлили тафриқаи байни ҳастии ногузир ва ҳастии мумкин, пайванди он бо ақл, нафс ва модда, модели мутаносиби ҳастишиносиро бунёд гузоштаанд.

**Исбот шудааст** , ки ҳадафи аҳли тасаввуф низ равшан сохтани ҳастии воқеӣ мебошад, яъне ҳастӣ дар худи инсон. Агар таҳқиқи файласуфони машшоъ бо истидлоли мантиқӣ сурат гирад, исботи аҳли тасаввуф ба таври ҳадсӣ, тахайюлӣ анҷом мегирад. Файласуфон аҳли истидлоланду сӯфиён аҳли шуҳуд ва васли инсону Худо ва Худо низ ҳамчун вуҷуд ё ҳастии холис дониста мешавад. Бо вуҷуди ин, заъфи истидлол ва дарёфти яқинният бисёр файласуфонро ба душворӣ рӯ ба рӯ карда, майли онҳоро ба тасаввуф бештар кардааст.

**Ҷорӣ намудани** усулҳои гуногуни мантиқӣ ва илмӣ, ба монанди усули таърихӣ-фалсафӣ, усули аксиологӣ ва интиқодӣ, усули гузариш аз таҳлили таҷридӣ ба таҳлили мушаххас, усулҳои муқоисавӣ, таҳлил ва таркиби мавод, баъзе унсурҳои герменевтика мазмун ва моҳияти рисоларо пурра гардонидааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**
барои ташаккул ёфтани маърифат ва идроки арзишҳои ҷомеаи умумиҷаҳонӣ ва саҳми халқи тоҷик дар эҷоди ин арзишҳо мусоидат мекунад. Бозёфтҳою хулосаҳои таҳқиқоти мазкур мақоми воқеии таълимоти ҳастишиносии равияҳои машшоия ва тасаввуфро дар фарҳанги миллии тоҷик нишон дода, таҳлили консептуалии ҷанбаҳои ахлоқӣ, қиммату арзишҳои онҳоро, дар замони муосир равшан месозанд.

Натиҷаҳо ва хулосаҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқот ба даст омадаанд, фаҳмиши моҳияти иҷтимоии ҳастии маънавии инсонро васеътар мекунанд. Натиҷаҳои омӯзиши табиати маънавии тасаввуф метавонанд ба таҳияи заминаи методологии таҳқиқи шуури иҷтимоӣ, ғанӣ гардонидани ғояҳои пурмазмуни фарҳангшиносии муосир ва антропологияи фалсафӣ мусоидат

кунанд. Ҳамин тариқ, мундариҷаи муҳимтарин мафҳумҳои фалсафа мушаххас шудаанд: ҳастӣ, шуур, маърифат, ратсионализм ва илми ҳол (ирратсионализм), инсони комил ва ғ.

Натиҷаҳои тадқиқот, ҳамчун саҳми назариявӣ, дар корбаст ва таҳлили мушкилоти масоили ҳастишиносӣ, дар баррасӣ ва равшан сохтани масъалаҳои назариявии осори файласуфон, мутафаккирони бузурги тоҷику форс, назарияҳои равияҳои мухталифи фалсафӣ ва динии асрҳои X XII маҳсуб ёфта метавонад.

Муқоиса ва таҳлили таълимоти ин ду равияи фалсафӣ, машшоия ва тасаввуф арзишмандии ин ду таълимот ва таъсири онро қариб ба ҳамаи унсурҳои фарҳанги маънавӣ нишон дода, арзиши воқеии ин унсурҳоро, вобаста ба гуногунии тасаввурот дар низоми фарҳанги маънавии халқи тоҷик муайян мекунад, ки дар диссертатсия **баён шудаанд.**

**Дар таҳқиқот ошкор карда шуд, ки** зиддият ва алоқамандии диалектикии фалсафаи машшоия ва таълимоти теософии аҳли тасаввуф, дар баъзе маврид боиси инкишофи тафаккури мантиқӣ гардидаанд ва вобаста ба ин мақом ҳарду унсури фарҳанги миллии тоҷикон, дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ, сабабҳои дар асрҳои минбаъда ривоҷ ёфтани тасаввуф гардидаанд. Ирфони амалӣ ва ғояҳои сода ва тахайюлии тасаввуф ба афкори мардум таъсири муайян гузошта, ҷаҳонбинию тарзи зиндагии онҳоро аз бисёр ҷиҳат тахти нуфузи идеологӣ қарор додаанд ва гоҳо ноқили озодихоҳии прогрессивӣ ва гоҳо иртиҷоиро, дар таърихи халқи тоҷик, иҷро кардаанд. Консепсияи шинохти Худо аз ҷониби аҳли тасаввуф дар ду марҳила сурат мегирад: 1. Дарки жарф то ба субстансия, бо ҷудосозии эманатсияи асмо, сифатҳо ва пардаи олами беруна. 2. Дарки Худо дар зуҳури мухталифи Ӯ. Дар таълимоти ваҳдати вуҷуд ваҳдати ҳама ашёи олам дар Худо дониста мешавад;

**Омӯхта шудааст, ки** машшоиёни шарқӣ инсонро натиҷаи офариниши Худо пиндоранд ҳам, инсонро дар аъмолаш худмухтор дониста, саҳми боризи муҳитро дар ҷодаи таълиму тарбияи инсон ва инкишофи шахсияти ӯ қабул доштанд. Дар таълимоти тасаввуф ҳадафи мавҷудияти инсон ба даст овардани Ваҳдати вуҷуд буда, дар ин маънӣ ду ҷанба ҳадафи асосӣ маҳсуб меёбад: нахуст ҳулули одам бо Худо, сипас, идроки назарияи собитшудаи ин ваҳдат. Мақсади ниҳоии худошиносии инсон дар таълимоти олимону сӯфиён муайян менамояд, ки инсон, ҳамчун мавҷудот, дар натиҷаи камолоти ахлоқию маънавӣ, тамоми низоми офариниши оламро дарк карда, ҳамчун олами сағир дар вуҷудаш зоҳиру ботини олами кабирро дармеёбад ва тимсоли як ҳақиқати воқеӣ будани худро мефаҳмад. Дар ҷараёни таҳқиқот, барои амиқтар фаҳмидани фарқи мантиқи ақлонӣ ва таҷрибаи ирфонӣ, мафҳумҳои « ҳаракат ва вақту фазо» дар таълимоти Ибни Сино ва Мустамлии Бухорӣ таҳлили муқоисавӣ гардиданд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ амалия** чунин **муайян карда шудааст:** фалсафаи Ибни Сино ва таълимоти ирфонии Мустамлии Бухорӣ доир ба масоили ҳастишиносӣ бо таълимоти дигар равияҳои гуногуни асримиёнагӣ пайванди ногусастанӣ дорад, ки байни онҳо калом ва исмоилияро махсусан таъкид кардан зарур аст.

Таҳлили муқоисавии масъалаҳои онтологӣ дар таълимоти равияҳои машшоия ва тасаввуф, ошкор намудани масъалаҳои онтологӣ дар фалсафаи тоҷик, дар асрҳои X-XII, аҳаммияти илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоӣ-таърихии онҳо, муайян кардани мақоми онҳо дар ҷамъият мебошад, зеро масъалаҳое, ки мутафаккирони ин давра ба миён гузоштаанд, моҳиятан аз ҷиҳати фарогирии масъалаҳои «ҳастӣ», характери умумибашарӣ доранд. Аз ин сабаб, онҳо амалан муҳиманд.

Таълимоти ҳастишиносии равияҳои машшоияи шарқӣ ва таълимоти тасаввуфии тоҷик мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифта, бархе аз нуктаҳои таълимоти онҳо аз назари интиқодӣ баҳогузорӣ шудаанд ва мавқеи дурусти таҳқиқотӣ ва методологиро интихоб намуда, мафҳумҳои бунёдии ду консепсияи фалсафии асримиёнагии тоҷик, дар доираи назарияҳои илмии муосир **офарида шуд.**

**Муаррифӣ карда шуд,** ки фалсафаи Ибни Сино ва таълимоти ирфонии Мустамлии Бухорӣ аз таълимоти мутафаккирони равияҳои ҳамон давр – калом, исмоилия ва ишроқ фарқ мекунад ва дар он масъалаҳои ҳастишиносӣ ҷойгоҳи махсус дорад. Фалсафаи Ибни Сино намунаи возеҳи татбиқи мантиқи Арасту дар заминаи калом ва ирфон буда, тавассути он робитаи байни илм, фалсафа ва маърифатшиносии илоҳӣ бунёд карда мешавад. Таҳлили таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки тасаввуф борҳо катализатори назарраси динамикаи иҷтимоӣ будааст. Таъсири таълимоти тасаввуфӣ ба тафаккур ва усули амали ислоҳотгароёни динӣ то андозае мусоидат карда, дар ташаккули шуури динӣ ва озодфикрӣ нақши муҳим доштааст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** рушди фалсафаи машшоияи шарқӣ ва тасаввуфи тоҷикону форс дар асрҳои X–XII на як раванд ё падидаи ҷудогона, балки ҷузъи ҳамбаста ва ҳамдигарпуркунандаи тафаккури маънавии ҷомеа будааст. Намояндагони равияи машшоия, ба хусус Ибни Сино, бо таҳияи консепсияҳои «Воҷиб-ул-вуҷуд» ва «мумкин-ул-вуҷуд» ва бо такмил додани усулҳои маърифатшиносӣ ва мантиқ, аз ҷумла қиёс ва бурҳон, низоми мукаммали ақлонӣ сохтанд, ки ба шарҳи ҳастӣ бо меъёрҳои универсалӣ мусоидат кард. Дар муқобил, намояндагони ирфон, аз ҷумла Мустамлии Бухорӣ ва орифони асрҳои миёна, бо такя ба таҷрибаи ботинӣ, кашфу шуҳуд ва мафҳумҳои «фано» ва «тавҳид», роҳи дигареро ба маърифат кушоданд, ки бо вуҷуди ирратсионалӣ будан, таҷрибаи зиндаи инсонро пурра инъикос мекард.

Ҳамзамон, бо истифодаи усулҳои таърихӣ-фалсафӣ, муқоисавӣ ва интиқодӣ собит гардид, ки маҳз пайванди мутақобили ду мактаб – мантиқгароии машшоия ва таҷрибавии ирфон қонуниятҳои аслии ташаккули ҷаҳонбинии маънавӣ ва худшиносии фарҳангии тоҷиконро равшан месозад. Эътимоднокии натиҷаҳо бо такя ба сарчашмаҳои аслӣ («Китоб-уш-Шифо»-и Ибни Сино, «Шарҳ-ут-тааруф»-и Мустамлии Бухорӣ) ва таҳқиқоти муосири ватаниву хориҷӣ таъмин гардида, дар маҷмуъ нишон дод, ки ин таҳқиқ ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз лиҳози методологӣ асоснок мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бори аввал консепсияи ҳастишиносии машшоияи шарқӣ дар муқоиса бо таълимоти ирфонии тоҷику форс дар асрҳои X–XII ба таври муфассал баррасӣ гардида, муайян карда шудааст, ки бо вуҷуди фарқиятҳои методологӣ ҳар ду равия дар як нукта — шарҳи ягонагии ҳастӣ ба ҳам наздик мешаванд ва якдигарро такмил медиҳанд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои бадастомада на танҳо барои фаҳмиши таърихии афкори фалсафии асрҳои миёна аҳаммият доранд, балки метавонанд дар замони муосир низ барои таҳкими ҷаҳонбинии маънавии миллӣ, рушди худшиносии фарҳангӣ ва баланд бардоштани сатҳи тафаккури илмӣ истифода гарданд.

Ҳамзамон **асоснок карда шудааст**, ки таҳлили ҳамбастагии мафҳумҳои калидии Ибни Сино («Воҷиб-ул-вуҷуд», «мумкин-ул-вуҷуд») бо таҷрибаи ирфонии сӯфиён («фано», «тавҳид» ва ғайра) на танҳо ба равшан сохтани афкори донишмандони асрҳои X–XII мусоидат мекунад, балки барои ҳалли мушкилоти назариявӣ дар самти робитаи ақл ва эҳсос, илм ва маърифат дар шароити ҷаҳонишавии муосир низ аҳаммияти хоса пайдо менамояд.

Бо вуҷуди он ки дар таҳқиқоти илмии гузашта як қатор ҷанбаҳои таълимоти машшоия ва ирфон баррасӣ шудаанд, то ҳол таҳқиқоти ҷудогона ва муфассал, дар мавзуи консепсияи ҳастишиносӣ, дар муқоисаи мустақим миёни фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таълимоти ирфонии тоҷикону форс рӯйи кор наомадааст, ки он дар диссертатсия ба анҷом расонида шудааст. Аз ҷумла, бо таҳқиқоти академик К. Олимов «Тасаввуфи Хуросон ва Мовароуннаҳр дар асрҳои X-XII» баъзе масъалаҳои шароити иҷтимоӣ-фарҳангии асрҳои миёна ва таъсири онҳо ба ташаккули равияҳои фалсафию динӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта буданд. К. Олимов ва А. Шамолов дар китоби чандҷилдаи «Таърихи фалсафаи тоҷик» аз дидгоҳи таърихӣ-фалсафӣ, мероси фалсафии тоҷиконро аз замони Арасту то Ибни Сино ва давраҳои баъдӣ таҳқиқ намуда, масъалаҳои ҳастӣ, моҳият ва шинохтро дар ду замина — мантиқӣ ва ботинӣ мавриди таҳлил қарор медиҳанд, аммо ба таҳлили муқоисавии масъалаҳои ҳастишиносӣ дар равияҳои гуногун камтар эътибор додаанд. Дар баробари ин, таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, аз қабили Диноршоев М., Шамолов А., Зиёев Х. М., Зиёзода И., Ахмедов С., Муҳаммадхоҷаев А., Муҳаммадҷонова М., Зиёев Х., Раҷабов М., Одилов Н., Ҳазратқулов М., Қурбонмамадов А., Одинаев Ё., Исматов Б., Содиқова Н., Шамсов М. ва дигарон, ки паҳлӯҳои гуногуни фалсафаи исломӣ, ирфон ва мероси фарҳангии тоҷиконро мавриди омӯзиш қарор додаанд, **истифода шудаанд**, вале танҳо дар ҳамин диссертатсия масъалаи ҳастишиносии фалсафаи машшоия ва таълимоти тасаввуф ба таври мустақил, муқоисавӣ ва мукаммал мавриди таҳлил ва асосноксозӣ қарор дода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷи илмӣ** аз мустақилона гузоштани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва мавзуи таҳқиқот, интихоби сарчашмаҳои аслӣ ва таҳқиқоти муосир, матраҳсозии масъалаҳои мубрами ҳастишиносӣ ва ирфон, таҳлили муқоисавӣ ва интиқодӣ, инчунин таҳвил ва коркарди иттилооти

бадастомада иборат мебошад. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро ташкил медиҳанд, маҳз дар натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ коркард гардида, дар онҳо бори нахуст робитаи мантиқгароии машшоия бо таҷрибаи ботинии ирфон ба таври низомманд асоснок шудааст.

Дар маҷлиси 02 октябри соли 2025 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Каримов Аслам Азамжоновичро ба дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар ҳайати умумии шуро овоз доданд: тарафдор 16, муқобил-нест, бюллетенҳои беэътибор-нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа, профессор Саид Н. С.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои фалсафа, дотсент Ҳаитов Ф. Қ.

*02 октябри соли 2025*

ҶДММ "ИНТУРИЗМ 01"
LLC "INTOURISM 01"
Surname Нуриддинзода Ф.
ТАРҶУМА ДУРУСТ АСТ
ПЕРЕВОД ВЕРЕН
TRANSLATION IS CORRECT
Date 06.10.2025 Signature
Address: 77 Rudaki Str. Dushanbe, Tajikistan.
Tel:(+992) 221-66-13